**СУРАТМАҶЛИСИ № 5.2.**
**маҷлиси шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

21 январи соли 2023 ш. Душанбе

Ҳайати шӯро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд, бо тағйиру иловаҳо аз 30 декабри соли 2022, № 314/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шӯро, дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доштанд, ҳамаи онҳо доктори илм, аз он ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**ШУНИДА ШУД**: Ҳимояи диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

**Мавзӯи диссертатсия:** «Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия».

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Низомова Туҳфамо Давлатовна – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. Ризоқулов Турақул Рабимқулович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
3. Ҷамшедов Маҳмадназар – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, узви шӯрои диссертатсионӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 12 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шӯро пешниҳод гардид: Дӯстбоев Ш., Қурбонзода М.Р., Муқаддасзода Ф.М., Нидоев Н.Ф., Раҷабов Р.К., Фақеров Ҳ.Н. ва Толибов Қ.Қ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Абдуғаффор Рауфӣ, д.и.и., дотсент Аминов И. ва д.и.и., дотсент Толибов Қ.Қ.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф. (раис), д.и.и., профессор Амонова Д.С. ва д.и.и., профессор Дӯстбоев Ш.

***қарор қабул карда шуд:***

1. Диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Шамсуллозода Шукрулло дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Шамсуллозода Шукрулло бо дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.

Қарор якдилона қабул гардид (14 нафар тарафдор).

**Муовини раиси шӯрои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шӯро,**
**д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**

180